**Протоколи № 2/ 23-10**
**Ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ**

ш. Душанбе                                                       аз «26» июни соли 2014

**Раисӣ кард: Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон- Раиси комиссияи доимо--амалкунандаи буҷетӣ Қоҳир Расулзода.**

Иштирок намуданд: Қурбонов А.К. – Вазири молия, Раҳимзода Ш.М.- Вазири рушди иқтисод ва савдо, Нусратулло Файзулло – Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Орунбеков Ш.М. – Вазири фарҳанг, Қодири Қосим - Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Ширинов А. – Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Давлатзода Н.М. – Раиси Кумитаи андоз, Рустами Эмомалӣ – Сардори Хадамоти гумрук, Ҷабборзода О. – Сардори раёсати молия, Нуралиев Ҷ., – муовини якуми Вазири молия, Сангинов И.Н.- муовини якуми Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Раҳимов С.Н.- муовини якуми Вазири энергетика ва захираҳои об, Ҳотамов Д.- муовини якуми Вазири кишоварзӣ, Исмонов Ф.Б.-муовини Вазири маориф ва илм, Мирсайзода Ҳ.С.- муовини Вазири адлия, Завқизода Завқӣ - Мушовири калони Ёрдамчии Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, Сайвализода Б. – муовини Сардори раёсати ҳуқуқ, Маҷидӣ Ю. – муовини Сардори раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳот, Абибуллоев Н. – Сардори департаменти Вазорати молия.

**Рӯзномаи ҷаласа:** баррасии Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2015-2017.

**Баромад намуданд:** Қоҳир Расулзода, Қурбонов А.К., Раҳимзода Ш.М., Давлатзода Н.М., Рустами Эмомалӣ, Қодири Қосим, Нуралиев Ҷ., Ҷабборзода О., Ҳотамов Д.

Лоиҳаи Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2015-2017 баррасӣ ва муҳокима гардида, қарор карда шуд:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2015-2017 маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузориҳоро, ки дар марҳилаи гуфтушуниду ба имзорасӣ қарор доранд, аниқ намояд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди

ВАЗОРАТИ МОЛИЯ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даромадҳои буҷетро аз рӯи намудҳои андоз, пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин таносуби ҳиссаи онҳо аз рӯи фаъолияти иқтисодии дохилӣ ва берунӣ ва бо дар назардошти баррасӣ ва пешниҳодҳои дар комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ зикргардида таҳлил ва тасҳеҳ карда, дар баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» онҳоро татбиқ намоянд.

3. Лоиҳаи Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2015-2017 ҳамчун асос маъқул дониста шуда, таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 дар асоси тасҳеҳ ва таҳлилҳои дар банди 2 Протоколи мазкур муқарраргардида ва Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ, амалӣ карда шавад.

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шаффофияти ҷараёни таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2016-2017, «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2015-2017» ва афзалиятҳои соҳавиро барои маълумот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, онҳоро дар сомонаи вазорат ҷойгир намояд.

5. Дар соли 2015 афзалиятҳои соҳавӣ ба таври зайл муайян карда шаванд:

Барои соҳаи мақомати ҳокимият ва идораи давлатӣ:

- баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, дар асоси нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он мувофиқат мекунад.

Барои соҳаи мудофиа ва мақомати ҳифзи ҳуқуқ:

- беҳтар намудани таъминоти сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амволи махсус;
- мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои соҳаи маориф:

- рушди таҳсилоти томактабӣ;
- таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва миёнаи касбӣ бо таҷҳизотҳои таълимӣ ва кабинетҳои тахассусӣ.

Барои соҳаи тандурустӣ:

- пешгирии бемориҳои сироятӣ бо воситаи ваксинаи идорашаванда;
- мустаҳкам намудани базаи моддӣ - техникии муассисаҳои тандурустӣ.

Барои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:

- ислоҳоти нафақа ва таъмини саривақтии он ба аҳолӣ;

- ҷорӣ намудани низоми нави кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ, ҷиҳати беҳбудбахшии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ, хусусан пиронсолону маъюбон ва кӯдакони ятиму бепарастор;

- мустаҳкам намудани базаи моддӣ - техникии муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

Барои соҳаи фарҳанг:

-ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ;

- ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик.

Барои соҳаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ ва хоҷагии ҷангал:

- таъмини чорабиниҳои коммуналӣ вобаста ба ободонии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва деҳот;- беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшокӣ;- беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист ва васеъ намудани ҳудуди майдонҳои ҷангалзор дар ҷумҳурӣ мебошанд.

Барои соҳаи энергетика ва корҳои ҷустуҷӯӣ геологӣ:- сохтмон ва барқарорсозии нерӯгоҳҳои обии хурду миёна:

- корҳои ҷустуҷӯӣ геологӣ дар соҳаи нафту газ ва ангишт;

- безарар намудани партовҳои урандор ва бартараф намудани таъсири манфии он ба муҳити зист.

Барои соҳаи кишоварзӣ:

- дастгирии барномаҳои соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ;

- баланд бардоштани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва зиёд намудани заминҳои нави обёришаванда;

- барӯйхатгирии заминҳои кишоварзӣ, харитасозӣ ва бо сертификат таъмин намудани аҳолӣ равона карда шудааст.

Барои соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия:

- сохтмон, таъмиру барқарорсозӣ ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ;

- барӯйхатгирӣ ва шаҳодатномакунонии роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ;

- беҳтар намудани базаи моддию техникии муассисаҳои роҳдорӣ ба ҳисоб меравper.

6. Вазорату идораҳо таҳия ва пешниҳоди буҷети соҳавиро дар доираи афзалиятҳое, ки дар банди 5 Протоколи мазкур дарҷ гардидаанд, ба роҳ монда, аз ҳама намуди хароҷотҳои дуюмдараҷа, ки самарабахш нестанд худдорӣ намоянд ва хароҷотҳои соҳавиро аз рӯи натиҷаҳои ниҳоӣ амалӣ намоянд.

Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон-
Раиси Комиссияи
доимоамалкунандаи буҷетӣ — Қоҳир Расулзода